# ТАҚРИЗ

**ба автореферати диссертатсияи Холиқзода Омина Абдулваҳоб дар мавзуи «Таҳаввули андешаи ҳуқуқи инсон дар таърихи ҳуқуқи халқи тоҷик (даврони қадим ва асрҳои миёна)» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ аз рӯйи ихтисоси 5.5.1. Назария ва таърихи ҳуқуқ ва давлат; таърихи таълимот дар бораи ҳуқуқ ва давлат пешниҳод шудааст (Душанбе, 2026. – 42 саҳ.).**

Автореферати диссертатсияи Холиқзода Омина Абдулваҳоб барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ аз рӯйи ихтисоси 5.5.1. (Назария ва таърихи ҳуқуқ ва давлат; таърихи таълимот дар бораи ҳуқуқ ва давлат) пешниҳод шуда, ба яке аз масъалаҳои муҳимми илми ҳуқуқи инсон – таҳаввули андешаи ҳуқуқи инсон дар таърихи ҳуқуқи халқи тоҷик (даврони қадим ва асрҳои миёна) бахшида шудааст. Давраҳои ташаккул ва рушди ҳуқуқи инсон якранг набуда, он дар доираи ҳар як марҳилаи таърихӣ мазмун ва моҳияти худро иваз менамояд. Агар ба ҳуқуқи инсон дар аҳди қадим ва давраи нав нигоҳ намоем, пас маълум мегардад, ки тафовути мазмунӣ ва моҳиявӣ байни онҳо хеле зиёд аст. Яъне, имрӯз инсоният то ҳадде ба ҳуқуқ ва озодии худ мутлақият додааст, ки таҳаммул кардани он бисёр мушкил мебошад. Зеро, наслҳои нави ҳуқуқи инсон дар бештари маврид бар зидди инсоният ва ҳастии ӯ дар сайёраи Замин хизмат менамоянд. Бо ин назардошт, аз дидгоҳи таърихӣ коркард намудани ҳуқуқи инсон ва бархӯрдорӣ аз ҷанбаҳои мусбати он, имконият фароҳам меорад то низоми ҳуқуқӣ ва қонунгузории миллӣ аз таъсири омилҳои беруна ҳифз карда шуда, ворисияти солими ҳуқуқӣ ба наслҳои баъдӣ меросгузорӣ карда шавад.

Ба вуҷуд омадани падидаи ҳуқуқҳои инсон бо омилҳои объективӣ тавсиф карда мешавад. Ҳуқуқу озодиҳои инсон марҳилаҳои муайяни ташаккул ва рушди худро паси сар намудааст, ки бо омилҳо ва шароитҳои муайяни таърихӣ вобастагӣ доранд. Таҳаввул ва рушди ҳуқуқу озодиҳои инсон дар ҷойи холӣ ба вуҷуд наомада, заминаҳои дахлдорро доро мебошанд. Таҳаввули андешаи ҳуқуқи инсон, албатта дар заминаи сарчашмаҳои таърихӣ-ҳуқуқӣ сурат гирифтааст, муаллифро водор намуда, ки то мафҳум ва моҳияти сарчашмаҳои таърихӣ-ҳуқуқӣ оид ба ҳуқуқи инсонро ошкор карда, нақши онҳоро дар шинохти ҳуқуқи инсон муайян

намояд. Аммо, муайян сохтани мафҳуми сарчашмаҳои таърихӣ-ҳуқуқӣ оид ба ҳуқуқи инсон замоне имконпазир хоҳад буд, ки агар мафҳумҳои сарчашма, сарчашмаҳои таърихӣ-ҳукукӣ ва сарчашмаҳои ҳуқуқ муайян карда шаванд.

Дар автореферати мазкур мавзуи таҳқиқот ба таври мукаммал ва ҳамаҷониба пешниҳод шудааст, ки аз қисмҳои муҳим: муқаддима, мақсад ва вазифаҳо, объект ва предмети таҳқиқот, асосҳои назариявӣ ва методологӣ, навгонии илмӣ, аҳаммияти назариявӣ ва амалӣ, натиҷаҳо ва пешниҳодҳои илмӣ иборат мебошад.

Диссертатсия аз муқаддима, се боб, ҳафт зербоб, хулоса ва рӯйхати адабиёт иборат мебошад. Таҳлили автореферати диссертатсия нишон дод, ки он бо риояи ҳама талаботи мавҷуда, аз нуқтаи назари илмӣ дуруст ва бо истифода аз усулҳои дахлдори илмӣ навишта шуда, пайдарпайии мантиқии андешаҳо ва навгониҳо мавҷуд буда, вобаста ба мазмуни он ягон эроди ҷиддӣ ҷой надорад. Умуман, масъалаҳое, ки муаллиф дар автореферат баррасӣ намудааст, қобили кабул буда, барои рушди минбаъдаи институти ҳуқуқи инсон заминаи мусоиди илмиро фароҳам меорад.

Муаллиф дар таҳқиқоти худ аз усулҳои гуногуни илмӣ ба таври муассир истифода бурда, ба хулосаҳои дақиқу боэътимод омадааст, ки ба рушди илми ҳуқуқи инсон дар кишвар мусоидат хоҳанд кард. Аз ҷумла, муаллиф иброз менамояд, ки «дар масири ҳастии инсоният бисёр халқу миллатҳо бо фаро расидани шароитҳои муайяни айнию зеҳнӣ ва замонию макони талош бар он намудаанд, ки ҳуқуқ ва озодии инсонро мавриди эътирофнамоӣ ва ҳимояти худ қарор диҳанд, аммо дар ин роҳи ноҳамвор на ҳамеша муваффақ гардидаанд. Бо қаноатмандӣ метавон иброз намуд, ки миллати тоҷик дар дарозои таърих бо хирадгустарӣ ва дурандешагии худ тавониста, ки на танҳо ҳуқуқу озодии инсонро мавриди эътироф ва ҳифз қарор диҳад, балки роҳи минбаъдаи шинохти ҳуқуқи инсонро барои давлатҳои ғарбӣ ва манотиқи мухталифи олам боз намудааст» (саҳ. 4).

Зимни баррасии мазмун ва муҳтавои автореферати мазкур метавон қайд намуд, ки таҳқиқоти мазкур дар самти коркарди таҳаввули андешаи

ҳуқуқи инсон дар таърихи ҳуқуқи халқи тоҷик, махсусан даврони қадим ва асрҳои миёна саҳми назаррас дорад. Муаллиф дар равиши таҳқиқоти худ масъалаҳои пешгузоштташударо таҳлили ҳамаҷониба намуда, натиҷаҳои мушаххас ва боэътимодро ба даст овардааст.

Ҳамзамон, муаллиф қайд мекунад, ки «дар марҳилаи инкишофи ҳуқуқу озодиҳои инсон ва шаҳрванд, инчунин таъсири манфии омилҳои мухталиф ба он, зарурат пеш омадааст, ки мо аз гузаштаи худ ба таври амиқ биомӯзем ва аз таҷрибаи ғании онҳо оқилона ва одилона истифода намоем. Бо ин назардошт, лозим аст, ки ҳангоми омӯзиши фанҳои таърихӣ-ҳуқуқӣ, махсусан таърихи ҳуқуқи инсон аз сарчашмаҳои нодири ҳуқуқи миллати тоҷик, махсусан Қонунномаи Сосониён, ки ба таври хеле кам омӯзиши он ба мушоҳида мерасад, ба таври фаррох истифода намуда, ба ин васила дар муаррифии шоистаи онҳо саҳмгузор бошем» (саҳ. 25). Пешниҳоду хулосаҳои ба ҳимоя пешкашшаванда, хусусан пешниҳоду хулосаҳои якум ва дуюм шоистаи дастгирӣ мебошанд.

Бо вуҷуди ин, қайд кардан ба маврид аст, ки дар матни автореферат баъзе масъалаҳои баҳсталаб ба назар мерасанд. Аз ҷумла, дар пешниҳоди амалии дуюм муаллиф баён менамояд, ки бо дарназардошти рушди босуръати технология ва зарурати ҳифзи ҳуқуқҳои шаҳрвандон дар фазои рақамӣ, мувофиқи самтҳои афзалиятноки сиёсати давлатӣ дар соҳаи рақамигардонӣ, тавсия дода мешавад, ки дар назди Ваколатдор оид ба ҳуқуқи инсон дар Ҷумҳурии Тоҷикистон ё Донишгоҳи миллии Тоҷикистон Маркази миллии тадқиқоти ҳуқуқи инсон ва технологияҳои рақамӣ таъсис дода шавад, ки самтҳои фаъолияти он шомили таҳқиқи ҳуқуқ ба махфият, озодии баён, ҳимояи маълумоти шахсӣ ва таҳияи дастурҳои ҳуқуқии миллӣ дар соҳаи киберҳуқуқ бошанд. Марказ метавонад ба рушди ҳуқуқи рақамӣ ва таҳкими кафолатҳои конститутсионии шаҳрвандон дар шароити ҷаҳони рақамӣ мусоидат намояд (саҳ. 38). Албатта, пешниҳоди мазкур қобили таваҷҷуҳ мебошад, аммо аз диссертант хоҳиш карда мешавад, ки дар раванди ҳимояи ошкоро таъсири ҳуқуқи рақамиро ба низоми ҳуқуқи инсон ва арзишҳои таърихию ҳуқуқӣ равшанӣ андозад.

Новобаста аз масъалаи зикргардида, бояд қайд намуд, ки аз ҷониби муаллиф кори илмӣ-таҳқиқотии мукаммал, эҷодкорона ва илмӣ-тахассусӣ анҷом дода шудааст, ки он фарогирандаи ташаккули андешаи ҳуқуқи инсон дар таърихи ҳуқуқи тоҷикон мебошад. Таҳқиқоти диссертатсионии Холиқзода Омина Абдулваҳоб дар мавзуи «Таҳаввули андешаи ҳуқуқи инсон дар таърихи ҳуқуқи халқи тоҷик (даврони қадим ва асрҳои миёна)» ба бандҳои 31, 33, 34, 35-и Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ, ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 2021, таҳти №267 (бо тағйиру иловаҳо аз 26 июли соли 2023, №295) тасдиқ шудааст, ҷавобгӯ буда, муаллифи он сазовори дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ аз рӯйи ихтисоси 5.5.1. Назария ва таърихи ҳуқуқ ва давлат; таърихи таълимот дар бораи ҳуқуқ ва давлат мебошад.

**Тақриздиҳанда:**
Декани факултети таърих, ҳуқуқ
ва муносибатҳои байналмилалии
Донишгоҳи давлатии Кӯлоб
ба номи А. Рӯдакӣ, н.и.ҳ., дотсент: Каримҷонзода М.К.

**Суроға:** Ҷумҳурии Тоҷикистон, в. Хатлон,
ш. Кӯлоб, кӯчаи Ҳамадонӣ, хонаи 15
E-mail: manuchehr.karimzoda907000226@gmail.com
Тел.: (+992) 943201000

**Имзои М.К. Карамҷонзодаро тасдиқ мекунам:**
Сардори раёсати кадрҳо ва корҳои махсуси
Донишгоҳи давлатии Кӯлоб ба номи А. Рӯдакӣ Давлатов М.А.

«06» 04 2026 с.

РАЁСАТИ КАДРҲО ВА КОРҲОИ МАХСУС

**Суроға:** 735360, ш. Кӯлоб, кӯчаи С.Сафаров 16
Тел.: (+992 3322) 2-35-06; (+992 3322) 2-35-06
Почтаи электронӣ: info@kgu.tj, somona@kgu.tj
Сомонаи интернетӣ: www. kgu.tj